Замира Ғаффорова, доктори илмҳои филологӣ, профессор

ҶОЙГОҲИ ПРОФЕССОР ОЗАРМИДУХТИ САФАВӢ ДАР ХОВАРШИНОСИИ ҶАҲОНӢ

Ҳузур дар ҳамоишҳои илмӣ ва сафарҳои омӯзишӣ ба кишварҳои олам имкон фароҳам меовард, ки баробари дидану шунидан ва маърифат кардани матолиби муҳимме ва мубодилаи афкор бо олимону донишмандони кишварҳои дигар ошноӣ пайдо намуда, аз баракоти донишу фазилатҳои эшон баҳраманд шавем. Ҳамин гуна саодати ошноӣ бо яке аз бонувони соҳибназар ва донишманд, профессор Озармидухти Сафавӣ дар с. 2008 дар сарзамини фарҳангофари Ҳинд ба ман муяссар гардида буд. Аммо мехоҳам нахуст як нуктаро афзоям, ки замони донишҷӯиям, ки муддати як сол дар Ҳиндустон ҳам љараён дошт, аз хидмати шоистаи ин фарзонабонуи фозилаю хирадманд, пажӯҳишгари тавоно, дилбохтаи адаби форсӣ, профессор Озармидухти Сафавӣ, ки дар радифи дигар парчамбардорони асили забон ва адабиёти форсӣ дар сарзамини Ҳинд, донишмандони фарҳехтае, ба мисли профессорон Назир Аҳмад, Набӣ Ҳодӣ, Саид Амир Ҳасани Обидӣ, Азҳари Деҳлавӣ ва дигарон (равони ин устодони фақид барои ҳамешагӣ шод бод!) дар бақои забон ва фарҳанги форсӣ дар Шибҳи қораи Ҳинд анҷом медиҳад, огоҳӣ доштаму орзуи шиносоӣ пайдо намудан бо ин бонуи хирадмандро дар дил мепарвардам. Агар касе ҳамон айёми зиндагӣ ба ман мегуфт, ки рӯзе фаро мерасаду ман бо ин олиҳаи илму дониш риштаи дӯстӣ пайдо хоҳам кард, дар назарам гӯие афсонаеро мемонд, чун ҳаргиз он замон ба худ тасаввур ҳам карда наметавонистам, ки борҳо аз файзи суҳбати ин донишманди забардаст мустафид мегардаму саодати ҳамкорӣ пайдо хоҳам намуд...

Ҳар дафъаи дар ҳамоишҳои байналмилалӣ бо профессор Озармидухти Сафавӣ мулоқот намудан суханрониҳои илмии ӯро гӯш медиҳаму дигарбора барои худ кашф менамоям, ки бузургии ин бонуи оқилаю фозила дар нерӯи хираду қудрати тафаккур, вусъати назару доираи васеи мутолиот, касрати иттилоъ аз ганҷинаҳои арзишманди забон ва адабиёти форсӣ дар нуқоти гуногуни Шибҳи қораи Ҳинд аст, ки ӯро аз дигар муҳаққиқон мумтозу барҷаста месозад. Натиљаи заҳмату талошҳои пайвастаи профессор Озармидухти Сафавӣ дар ҷодаи илм аст, ки ӯ на танҳо дар Ҳиндустон, балки берун аз

марзҳои ин сарзамин ҳамчун яке аз чеҳраҳои намоёни ховаршиносии ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Варақгардонии саҳифаҳои рӯзгор ва фаъолияти илмии профессор Озармидухти Сафавӣ ҳақиқати ҳолро шарҳу тафсир мекунад, ки як тан бонуи соҳибфазилат ба чӣ корҳо қодир ва чӣ хидматҳои бузург дар рушду нумӯъ, таҳқиқу баррасии адабиёт ва фарҳанги форсӣ дар миёни Ҳиндустон ба анљом расонидааст.

Мурур ба зиндагиномаи ин бонуи донишвар баёнгари он аст, ки ӯ с. 1952 дар Шамсободи Уттар-прадеши Ҳиндустон дар хонаводаи фарҳангӣ чашм ба олами ҳастӣ боз намудааст. Хонадони ӯ дар асл аз силсила ё дудмони Сафавиёни Эрон ба шумор меравад. Ниёконаш ҳама аз аҳли илму адаб буданд. Яке аз гузаштагони ӯ аз ҷониби падар – Шоҳ Раҳматуллоҳи Сафавӣ с. 1737 дар даврони ҳукумати Муҳаммадшоҳи Курагонӣ аз Эрон ба Ҳинд муҳоҷират карда, дар Азимобод (имрӯза Патна) соҳиби мақому манзалати бузурге гардид. Падарбузурги ин бонуи саодатёр – Наввоб Дулҳа Шамсободӣ нависандаи пуркори форсӣ буд ва таълифоти мутааддиде ба забони форсӣ аз худ ба мерос гузошта. Падари профессор Озармидухт – Муҳаммадсодиқи Сафавӣ шахси фозилу донишманде аз зумраи наввобони Лакҳнав ба шумор меравад, ки ба забону адабиёти форсӣ ишқу муҳаббати афзун дошта, мақолаҳои эшон мураттабан дар маҷаллаҳои Эрон, мисли “Яғмо” ва “Сухан” ба нашр мерасиданд. Модари Озармидухти Сафавӣ – Мумтоз Ҷаҳон низ дар шумори занони фозилаи ин хонадон қарор дошт, ки ҳамеша дар пайи мутолеаву тадқиқ ва таблиғи забон ва адабиёти форсӣ машғул буд.

Озармидухти Сафавӣ дар чунин муҳити шоёни илмӣ тарбият гирифт. Чароғи муҳаббат ба забони форсиро падараш дар қалби ӯ фурӯзон намуд. Ӯ аз хурдсолӣ ба мутолиаи мероси гаронмояи адабиёти классикии форсу тољик, нусахи хаттии таълифоти арзишманди ниёкони хеш ва аз бар намудани ашъори Ҳофизу Саъдиву Мавлоно ва дигар суханварони бузурги адабиёти гузаштаи мо оғоз намуд. Ҳамин таваљљуҳи рӯзафзуни хонаводаӣ ба илму адабиёт ва аз хурдӣ руљӯи вай ба адабиёти гузашта заминаҳои маърифати мероси классикиро дар қалбу рӯҳи Озармидухти Сафавӣ љо намуда,ба эљоди корномаҳои бузурги илмии вай дар оянда асос гузошт.

Озармидухти Сафавӣ пас аз хатми дабиристони духтаронаи англисизабони шаҳри Агра (1962) бо аҳли хонавода ба Алигарҳ кӯчид ва ба бахши форсии Донишгоҳи исломии Алигарҳ дохил шуда, тамоми мароҳили таҳсили худро дар ин донишгоҳ ва коллеҷҳои вобаста ба он дар сатҳи матлуб сипарӣ намуд. Дар

ин муҳлат ӯ дар мактаби илмии профессорон Назир Аҳмад, Мумтозалихон, Самиуддин Аҳмад, Набӣ Ҳодӣ ва дигар устодони гаронқадри форсӣ ба таҳсили илм ва равиши таҳқиқ фаро гирифта шуда, камолоти маънавӣ ҳосил намуд.

Натиљаи талош ва кӯшишҳои мабсут ва пурдоманаи ў буд, ки ҳангоми таҳсил бо ҷоизаҳои фаровон ва медали тилоӣ сарафроз гашт. Ин никот худ ишорат бар он доранд, ки ў аз айёми наврасиву љавонӣ аллакай аз худ кӯшишу ибтикороте дар роҳи расидан ба ҳадафҳои наљиби илмӣ нишон дода, марҳала ба марҳала аз пайроҳаи таҳқиқ боло мерафт.

Ҳамин тавр, с. 1964 давраи коршиносии забон ва адабиёти форсиро ба итмом расонида, с. 1968 фавқуллисонси худро дар ҳамин ришта гирифт ва с. 1974 дар роҳи ба даст овардани дараҷаи илмии докторӣ дар риштаи забон ва адабиёти форсӣ ноил омад. Барои соҳиб шудан ба дараљаи илмии докторӣ ба Эрон сафар кард ва давоми шаш моҳ дар Донишгоҳи Теҳрон ба таҳқиқоти илмӣ машғул буд. Бар асоси омӯзаҳои анљомдода ба таҳқиқи мавзӯи “Саъдӣ – шоири ғазалсаро ва муаллими башарият” машғул гардида, рисолае љавобгӯ ба ниёзҳои тадқиқоти таълифоти докториро ба поён бурд, ки аз љониби ховаршиносон ба ҳайси пажӯҳиши қобили таваљљуҳ шоёни эътироф гардид.

Баъдан таҳқиқоти хешро дар Музейи Британияи Кабир идома дода, ба омӯзиши нусхаҳои хаттии форсии он машғул гардид. Ҳамзамон дар Донишкадаи SOAS-и Лондон кори таҳқиқии хешро дар љодаи матншиносӣ ва таҳияву тасҳеҳ ва тарљумаи осори адабиву форсӣ идома бахшид. Замони фаъолият дар ин Музей ва донишкадаи ёдшуда аз љумлаи кутуби форсӣ, мисли “Унс-ул-таййибин”-и Шайх Аҳмади Ҷомро тасҳеҳ ва бо тарљумаи англисӣ дар Лондон ба нашр расонид, ки ин амр ба саҳми бевоситаи вай дар таҳқиқу тарғиби адабиёти форсӣ дар кишварҳои ғарбӣ таъкид меварзад.

Аз с. 1974 профессор Озармидухт ба ҳайси устоди забон ва адабиёти форсии Донишгоҳи исломии Алигарҳ ба кор оғоз намуд. Баробар ба тадриси забон ва адабиёти форсӣ ӯ дар мақом ва вазифаҳои гуногун, аз љумла раиси донишкадаи адабиёт, раиси гурӯҳи забон ва адабиёти форсӣ, раиси Маркази фарҳангӣ ва илмӣ ва мудири маҷаллаи илмӣ-адабии ин донишгоҳ мавсум ба “Фикру назар” фаъолияти босамар аз худ нишон додааст.

Аз љумлаи хидматҳои беназир ва арљманде, ки профессор Озармидухт дар ин давра ба анҷом расонид, таъсиси Маркази таҳқиқоти форсӣ дар Донишгоҳи исломии Алигарҳ маҳсуб мешавад, ки, воқеан, ин марказ тӯли фаъолияти хеш хидмати

барозанда дар кори матншиносӣ ва таҳқиқи адабиёти форсӣ ба сомон расонид.

Андешаи таъсиси чунин Марказ айёме дар зеҳни ин донишманди фарҳехта шакл гирифт, ки ӯ дар бахши форсии Донишгоҳи исломии Алигарҳ ба кори дарсу тадрис, таснифу таълиф машғул буд, зеро ӯ дар замони фаъолияти чандинсолаи хеш бар пояи мутолеа ва омӯзаҳояш хуб дарк намуд, ки забон ва адабиёти форсӣ дар тӯли асрҳо афкору фарҳанг ва таърихи кишвари Ҳиндро таҳти таъсири худ қарор додааст. Маҳз, бо шарофати ҳузури забон ва адабиёти форсӣ дар ин сарзамин мероси бузургу пурғановате дар ин минтақа эљод шуд, ки дар умум таърихи тамаддуни ақвоми Шарқро пурбор гардонид. Аммо, мутаассифона, давоми қуруни охир забони форсӣ ҷои қаблии худро дар ин минтақа аз даст дод ва наслҳои имрӯзӣ ба ин ҳақиқат ошноии комил надоранд. Ҳамин андешаҳо Озармидухти Сафавиро водор намуданд, ки дар Донишгоҳи исломии Алигарҳ муассисаи илмиеро бунёд гузорад, ки ба таҳқиқи мероси адабии форсӣ ва осори гаронмояи ин сарзамин машғул бошад. Бо ин мақсад гурӯҳе аз муҳаққиқони љавони риштаи забон ва адабиёти форсиро барои анљоми тадқиқоти илмӣ ба ин марказ љалб намуда, муваффақ бар он шуд, ки бо азми росих барои равшан нигоҳ доштани чароғи илму адаби забони форсӣ алорағми тамоми мушкилот с. 2006 Маркази таҳқиқоти форсиро таъсис диҳад. Фаъолияти наздик ба понздаҳсолаи ин муассисаи бонуфузи илмӣ дар баробари мусоидат ба густариши забон ва адабу фарҳанги форсӣ ба анљоми корҳои таҳқиқӣ, таҳия ва нашри мероси бузурги адабӣ муваффақ гардид, ки аксарияти онҳо дар сурати матнҳои адабӣ ва китобҳои тадқиқотӣ ба зевари табъ ороста шаванд.

Дар қаламрави Ҳинд марказҳои дигари илмӣ-тадқиқотие фаъол ҳастанд, ки ба густариши забони форсӣ ва таҳқиқоти мероси илмиву адабии ба ин забон иншогардида машғул ҳастанд, вале таҳлилҳои куллии амалкарди ин марказҳо нишон медиҳад, ки воқеан, нақши маркази таъсисдодаи Озармидухти Сафавӣ хеле бузург аст. Ҳақиқати амр он аст, ки тавассути бунёд ва фаъол гардидани маркази мазкур аз љониби профессор Озармидухт таҳқиқоти осори марбут ба забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳинд таљдиди назар шуда, вусъати тоза касб намуд. Дар давоми фаъолияти хеш Маркази мазкур беш аз сӣ китоб рољеъ ба масоили мухталифе, чун адабиёт, таърих, тасаввуф, ирфон, тиб, бозаргонӣ, забоншиносӣ, шеъру адаб ва ғайраро ба нашр расонид, ки самараи муҳимми корномаҳои ин донишманди мумтоз ва ҳамкорони эшонро таҷассум мекунананд.

Ин матлаб ба доираи фарохи фаъолиятҳои Маркази илмии таъсиснамунаи ин бонуи соҳибназар таъкид меварзад.

Дар канори ин, маҳз тавасссути талош, ҳиммату кӯшишу заҳматҳои бесобиқаи профессор Озармидухти Сафавӣ ҳамасола дар Маркази таҳқиқот семинару конфоронсҳо ва ҳамоишҳои бонуфузи байналмилалӣ ва суханрониҳо, барномаҳои адабӣ-фарҳангӣ баргузор мешаванд. Дар ин ҳамоишҳо донишмандони маъруф аз Эрон, Афғонистон, Бангладеш, Амрико, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Ҷопон, Шри-Ланка ва дигар кишварҳо ширкат меварзанд, ки бегумон, ҳузури ин донишварон барои табодули андешаву иттилоот ва афкори муҳаққиқони кишварҳои гуногун, баррасии натиљаҳои таҳқиқоти анљомдодаи онон дар заминаи мавзӯоти ба ҳамдигар наздик шароити мусоид фароҳам меоварад.

Профессор Озармидухти Сафавӣ, ки муассис ва ташаббускори таъсиси Маркази таҳқиқоти форсии Донишгоҳи исломии Алигарҳ буд, то с. 2017 дар мақоми раиси он ифои вазифа намуд ва муҳимтарин корҳоро ба сомон расонид. Бегумон, дар шаклгирии фаъолиятҳои бонуфузи ин муассиса нақши муассир гузошт, ки ҳам акнун шогирдони эшон ин роҳи бузургро идома медиҳанд.

Дар канори маљмӯи фаъолиятҳои мазкур солҳост, ки профессор Озармидухт раиси Анҷумани устодони форсии саросари Ҳинд мебошад. Ӯ дар ин мақом аз с. 1998 фаъолият дорад ва мавриди тазаккур аст, ки ин Анљумани бузург тавассути профессор Нурулҳасани Ансорӣ таъсис ёфта, барои густариши забон ва адабиёти форсӣ дар сарзамини Ҳинд, ваҳдати олимону муҳаққиқони пажӯҳишгар ва мударрисони забон ва адабиёти форсӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои онон корҳои шоёне ба сомон мерасонад. Дар тӯли бештар аз 20 соли гузашта ҳамасола Анҷумани устодони забон ва адаби форсии саросари Ҳинд дар яке аз музофотҳои мухталифи кишвар, мисли Панҷоб, Кашмир, Гуҷарот, Бангол, Маҳараштра, Агра, Банорас ва ғ. маҳофил ва нишастҳои хешро баргузор намуда, бар ин асос устодони забон ва адабиёти форсиро аз сарорсари Ҳинд ва ҳатто берун аз он фароҳам меоварад. Баргузории Анљуман имкон медиҳад, ки устодони забон ва адабиёти форсӣ дар саросари Ҳинд ва берун аз он ба натиљаҳои таҳқиқоти ҳамдигар аз наздик ошноӣ пайдо намуда, барои тарвиљи забони форсӣ ва шеваҳои тадриси он табодули назар намоянд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки Анљумани мазкур барои фурӯғи забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳинд нақши пурфайзе гузошта истодааст. Бегумон, дар ин арса нақш ва мақоми профессор Озармидухти Сафавӣ қобили таъкид ва таҳсин аст, зеро дар баробари

ташаккули фаъолиятҳои он бо кӯшишу ташаббус ва талошҳои шоёни ин донишманди соҳибном борҳо дар ин анљуман соҳибназарону ховаршиносоне аз кишварҳои дигари олам ҳузур доштанд, ки маљмӯи ин ибтикорот барои муаррифии он дар арсаи љаҳон имкон фароҳам овардааст.

Ба унвони як муҳаққиқ ва донишманди соҳибназар саҳми шахсии профессор Озармидухт дар таҳқиқ ва тарѓиби адабиёти форсизабони Ҳинд ва муаррифии чеҳраҳои тобноки адабиёти гузаштаи мо дар ин сарзамин бузург аст. Бегумон, метавон таъкид дошт, ки профессор Озармидухти Сафавӣ тамоми ҳаёти хешро ба пажӯҳиши осори гаронмояи адабиёти форсӣ ва тарѓибу тарвиљи забони форсӣ дар ин қаламрав бахшидааст. Осори илмии анљомдодаи вай ин нуктаро равшан месозанд, ки ӯ таҳқиқоти хешро бо як муҳаббати бузург ва рағбати беандоза, ишқу алоқаи шадиду масоҳатнопазир дар роҳи бозофаринии осори бадеъ ва шиносонидани осори нодири забони форсӣ, нисбат ба фарҳангу тамаддуни куҳансарзамини Ҳинд, ки пур аз розу рамз аст, анҷом додааст. Аз ҳар калимаву љумла ва ҳар сатри иншокардаи профессор Сафавӣ бӯи муҳаббат ба Ватан, забон ва адабиёти форсӣ ба шоистагӣ эҳсос мешавад. Маҳз, ҳамин муҳаббати бузург ҳамеша чароѓи раҳнамое буд, ки ӯ дар ин арса ба эљоди корномаҳои нодир тавфиқ ҳосил кард.

Бар асоси мутолеаи осор ва тааммул дар корномаҳои анљомдода пажӯҳишномаҳои профессор Озармидухти Сафавиро метавон ба чанд даста тақсимбандӣ намуд:

1) Мутуни куҳани адабии форсӣ, ки бо талошу ҳиммати эшон тасҳеҳу тадвин шуда, бо муқаддимаву тавзеҳоти пурмӯҳтаво ба чоп расидаанд. Аз ҷумла, дар натиҷаи талошу пайкор ва корномаҳои бузурги эшон дар заминаи таҳқиқ ва тасҳеҳи мутуни нусахи хаттии форсӣ осори арзишманде, чун “Чиҳил номус” (2009), “Силк-ус-сулук”и Зиёуддини Нахшабӣ (2009), тазкираҳои “Баҳри заххор” (се ҷилд), “Арафот-ул-ошиқин” (ду ҷилд, 2013), “Муғ-ул-маонӣ”-и Шайх Амир Ҳасан Алои Сиҷзӣ (2006), “Таърихи Муҳаммадӣ”, “Ахбор-ул-аҷмол” (таъл.1740, дар заминаи тасаввуф ва таълимоти ирфонии исломӣ) тасҳеҳ, таҳия ва ба нашр расиданд, ки воқеан корномаҳои муҳим ва арзишманд дар матншиносии осори форсӣ дар қаламрави Ҳинд ба шумор мераванд. Ҳамчунин, с. 2009 китоби “Назми гузида” дар таҳияи ин муҳаққиқи соҳибназар ба чоп расид, ки баргузидаи ашъори суханварони форсиро фаро мегирад.

2) Бахши дувуми корномаҳои шахсии профессор Сафавиро тарҷумаи мутуни форсӣ ба забони англисӣ ба вуҷуд овардаанд, ки феҳристи онро метавон ба тартиби зайл зикр намуд: “Эъҷози Хусравӣ” (тарҷумаи англисӣ, ҷ.1.), “Таърихи Аҳмадӣ”

(тарҷумаи англисӣ, Лондон), “Кӯчаи ишқ” (тарҷумаи достонҳои кӯтоҳи форсӣ), “Подшоҳнома”, “Унс-ул-таййибин”-и Шайх Муҳаммади Ҷом.

3) Профессор Озармидухти Сафавӣ ҳамчун муҳаққиқи соҳибназар бо таълифи рисолаву мақолаҳои фаровони илмӣ чеҳраи худро рӯнамоӣ кардаву аз ҷониби донишмандони ватаниву хориҷӣ эътироф шудааст. Аз љумлаи ин гуна таълифоти вай рисолаи доктории ӯ бо номи “Саъдӣ – марди башардӯст” мебошад, ки аз сӯи соҳибназарони зиёде дар Ҳинд ва берун аз он баҳои баланд гирифтааст. Рисолаи дигари номбурда – “Сафавиён дар Шамсободи Ҳинд”, ки ба нақши ин хонадон дар густариши фарҳанг ва тамаддуни форсӣ дар қаламрави Ҳинд бахшида шудааст, ишорат бар он дорад, ки дар риштаи таърих низ ин донишманди соҳибназар таълифоти гаронарзишеро соҳиб аст.

4) Дар заминаи баргузор намудани ҳамоишҳои фаровони илмӣ ба профессор Сафавӣ муяссар шуда, ки маҷмӯаҳои зиёди илмиро таҳия ва ба нашр расонад, ки ҳар яке дорои арзиши муҳимми илмӣ мебошад. Бар ин асос ӯ, мураттиби маҷмӯаҳои мақолот, ба монанди “Инсонгаройӣ ва ахванти ҷаҳонӣ дар шеъру адаби форсӣ” ” (ду ҷилд, 2007), “Нақши ғазал дар адабиёти форсӣ” (2008, ду ҷилд), “Адабиёти достонии форсӣ” (ду ҷилд, 2011), “Тазкиранависӣ дар адабиёти форсӣ” (ду ҷилд, 2012), “Нақши маснавӣ дар адабиёти форсӣ” ” (ду ҷилд, 2013), “Ирфон ва тасаввуф дар адабиёти форсӣ” (ду ҷилд, 2013), “Маънавияти Мавлоно дар асри ҳозир” (2013), “Мероси мактуби Ҳинду Эрон” (ду ҷилд, 2013), “Нақшҳои ранг ранг”, “Ҳадиси Ҳинд дар адабиёти форсӣ”, “Нуфузи фарҳанг ва забону адаби форсӣ дар Ҳинд”, “Равобити Ҳинду Эрон”, “Нақши забон ва адабиёти форсӣ дар фарҳанги муштараки Ҳинд”, “Адабшиносӣ”, “Дар бораи шеъри форсии Асадуллоҳхони Ғолиб” мебошад, ки дар он мақолаҳои арзишманди илмӣ фароҳам омадаанд.

Доманаи фарохи корномаҳои таҳқиқотӣ, таҳия, тасҳеҳ ва тарҷумаи осори гузаштагон боис шуд, ки Озармидухти Сафавӣ дар Ҳиндустон ва берун аз марзҳои ин сарзамин мақбулияти том ва эътимоди хосси пажӯҳишгаронро ба даст оварда, дар ҳавзаҳои илмии ховаршиносии дунё ба ҳайси донишманди соҳибназар, олими пуркор, ховаршиноси маъруф, матншиноси дақиқназар шинохта гардад. Тасҳеҳу тарҷума ва нашри китобҳои арзишманди форсӣ ва эҳёи ин мероси гаронмояи адабӣ ва таълифи садҳо мақолаҳо на танҳо баёнгари хадамоти шоиставу содиқонаи эшон ба забон ва адаби форсист, балки ба

унвони манбаъ ва маъхази илмии қобили итминон мавриди истиноду истишҳод ва истифодаи муҳаққиқон қарор мегирад.

Бо ширкат дар ҳамоишҳои байналмилалӣ ва суханрониҳои муҳаққиқонаи худ ӯ ин мақомро собит намуд, ки дар арсаи забон ва адабиёти форсӣ ҳамеша ҳарфи тоза барои гуфтан дорад ва осореро муаррифӣ мекунад, ки ховаршиносии муосир низ ниёз ба маърифат ва шинохти он дорад. Дар канори ин, осори илмии профессор Озармидухти Сафавӣ баёнгари он аст, ки ин донишвари барҷаста ва пуркор хидмати барозандае барои зинда нигаҳ доштани забони форсӣ дар Ҳинд анҷом медиҳад. Маҳз, тавассути талошҳои пайгиронаи ӯ на танҳо то кунун марказ ва мактабҳои тарғибу ташвиқи забон ва адабиёти форсӣ такмилу таҷдид мешаванд, балки мероси бузурги ба ин забон иншогардида дар ин сарзамин тасҳеҳ, таҳия ва ба дасти хонандагон мерасанд, ки то имрӯз дар хазинаи нусхаҳои хаттӣ маҳфуз буда, аз онҳо танҳо ном медонистему бас.

Заҳмоту талоши пайваста ва бедареғи ин бонуи илму хирад дар роҳи фурӯзон нигоҳ доштани чароғи забон ва адабиёти форсӣ дар сарзамини Ҳинд буд, ки ӯ бо нишону ҷоизаҳои мухталиф аз ҷониби марказҳои илмию пажӯҳишӣ ва мақомоти олирутба тақдир шудааст. Аз ҷумла, с. 2005 раёсати Ҷумҳури Ҳинд профессор Озармидухти Сафавиро барои хидматҳои шоиста дар густариши забон ва адабиёти форсӣ бо ҷоизаи давлатӣ мушарраф намуд. Ҷумҳурии исломии Эрон ӯро бо Ҷоизаи байналмилалӣ (2008), Хонаи фарҳанги Эрон дар Деҳлӣ бо Ҷоизаи Саъдӣ (2010), Институти Ғолиб воқеъ дар ш. Деҳлӣ бо Ҷоизаи Асадуллоҳхони Ғолиб (2013), “Базми Майкаш”-и ш. Агра (Майкаши Акбарободӣ аз суханварони маъруфи муосири Ҳинд аст) бо Ҷоизаи адабии Майкаш (2014) сарафароз гардонид, ки, бешак, ҳамаи ин қадршиносиҳо ба эътирофи корномаҳои илмии вай такя намуда, баҳои баланди марокизи илмӣ ва донишварони ҳамзамонашро ба талошҳои хастагинопазири вай ишорат мекунанд.

Озармидухти Сафавӣ на танҳо муҳаққиқи забардаст, балки мураббии беҳамто ва мушаввиқу раҳкушои донишҷӯён дар амри таҳқиқ ва пажӯҳиш ва зинда нигоҳ доштани мероси фарҳангӣ низ мебошад. Нисбати шогирдон ғамхору дилсӯз буда, чӣ дар донишгоҳу чӣ Маркази илмии таъсисдодааш барои онҳо тамоми шароитро љиҳати анљоми пажӯҳишҳои илмӣ фароҳам овардааст, то сафи пажӯҳишгарони забон ва адабиёти форсӣ дар сарзамини Ҳинд афзун гардад.

Ба мушоҳида мерасад, ки дар навбати аввал саъйу талоши ӯ баҳри он аст, ки насли ҷавон аз пешинаи куҳани фарҳанги худ огоҳӣ ёфта, корномаҳои илмиву пажӯҳиро дар заминаи мероси

куҳани мардумони хеш, пайвандҳои муштараки таърихии мардумони Ҳинд ва қавмҳои ориётабор идома бахшанд ва ба ин васила пайванди наслҳоро ҳифз дошта, чароғи забон ва адаби форсиро дар Ҳинд ҳамеша равшану нурафшон бидоранд.

Лозим ба зикр аст, ки заҳматҳои чандинсолаи Озармидухти Сафавӣ имрӯз самари дилхоҳ ба бор овардааст. Мактаби илмии ӯ имрӯз дарахти танумандеро мемонад, ки дар саросари Ҳинд ва ҳатто берун аз он реша давонда, шохаҳои ин дарахти бузург дар саросари ин кишвар доман паҳн кардааст. Ӯ чун мударрис ва муҳаққиқи забону адабиёти форсӣ ҳамеша дар ниҳоди донишҷӯён меҳру муҳаббатро нисбат ба ин забон бедор ва шавқу завқи омӯзиши амиқи он, анҷоми таҳқиқот, тарғибу ташвиқи мероси бо ин забон иншошударо ҷойгир кунондааст. Даҳҳо нафар устодони соҳибунвон ё докторонe, ки дар канори ӯ тарбият гирифтаанд, имрӯз чун муҳаққиқони забардаст ва номвар дар заминаи таҳқиқи адабиёти форсӣ устуворона гом бардошта, аллакай таҳқиқоти судманд ва корномаҳои шоёне ба анҷом расонида, самараи пайкорҳояшон мавриди эътирофи умум қарор гирифтааст.

Маҳз, ҳамин саҳми беандозаи ӯ дар тарбияи устодони соҳибунвон ва шогирдони комгору муваффақ буд, ки солҳои 2010 ва 2012 профессор Озармидухти Сафавӣ дараҷаи шоистагии худро ба дарёфти Ҷоизаи махсуси “Устоди мумтоз”-и Донишгоҳи исломии Алигарҳ соҳиб гардида, дар ин роҳ ҳамчун шахсияти беназири роҳи илм шинохта шуд.

Фазилатҳои нодири илмиву инсонии профессор Озармидухти Сафавӣ омил бар шудаанд, ки мо дар симои эшон як инсони соҳиби ахлоқи нек, хоксору меҳрубон, хушгуфтору хушрафтор, хайрхоҳро бишносем, ки на дар ҳар нафар инсон ҷилваи ин муҳассанот ҳувайдост. Ҳамин меҳрубониву хайрхоҳӣ, инсонгариву инсондӯстии вай аст, ки нафарони дигарро зуд ба худ кашида, майли ҳузур дар мактаби илмии эшонро эҷод менамояд. Бегумон, ҳамин фазилатҳои инсонии профессор Сафавӣ омил бар он шудаанд, ки нафарони зиёде роҳи ӯро дар ҷодаи таълим ва таҳиқи забон ва адабиёти форсӣ интихоб намуда, бо камоли ифтихор хештанро шогирди мактаби бузурги пажӯҳандагиву инсонии вай ба шумор оваранд. Дар баробари дониши фароху биниши амиқи илмӣ бевосита чунин меҳрубониву хушахлоқӣ, гуфтори накӯву меҳрубониҳояш боис шуданд, ки дӯстони зиёде аз ҷумлаи ховаршиносони кишварҳои мухталиф низ пайдо намудаву ҳамкориҳои хуби илмиро ба роҳ монад.

Дар умум, роҷеъ ба фазилатҳои илмиву инсонии профессор Озармидухти Сафавӣ ҳар чӣ қадар бинависем, кам аст ва он чи

гуфтаему сифат кардаем, қатрае аз баҳри беканори корномаву муҳассаноти ӯст. Зеро бо камоли садоқату ихлос ӯ тамоми ҳастии хешро ба омӯзишу таҳқиқи мероси гузаштагон, таърихи Ватани аҷдодӣ, таҳия, тасҳеҳ ва нашри осори бузурги забон ва адабиёти форсӣ бахшидааст. Бар асоси омӯзаҳои анҷомёфта таҳлилу таҳқиқи хадамоти бузурги илмии ин бонуи суханшинос ва суханвар ба таври куллӣ метавон мақомашро дар арсаи таҳқиқу баррасии адабиёти форсизабони Ҳинд, таҳкими робитаҳои илмӣ, баррасӣ, тасҳеҳ ва таҳқиқи мутуни адабӣ ва тарҷумаву тарғиби мероси гузаштагони худи вай ва адабиёти форсӣ дар сарзамини ӯ чунин натиҷагирӣ метавон кард:

1. Професор Сафавӣ дар арсаи пажӯҳишҳои фарҳангу адаби форсӣ дар Ҳинд мояи сарфарозии ҷомеаи занони кишвари Ҳинд ба шумор меравад, ки бисёре аз розу рамзҳои забон ва адаби форсиро кашф намуда ва дар ин сарзамин муаррифӣ кардааст. Бо таълифи даҳҳо китоби арзишманд ва фаро гирифтан, таҳияву тасҳеҳ ва нашри мутуни куҳани адабӣ муваффақ бар он гардидааст, ки чароғи афрӯхтаи забони форсиро дар Ҳинд афрӯхтатар нигоҳ дорад ва дар роҳи дурахшонии забон ва адабиёти форсӣ дар ин қаламрав хидматҳои шоистае ба сомон бирасонад;
2. Асрори тавфиқоти илмии ин бонуи соҳибфазилат, профессор Озармидухти Сафавиро метавон дар чанд нукта натиҷагирӣ намуд, ки дар сархатти аввал муҳаббати беинтиҳо ва ишқу алоқаи вай нисбат ба забони форсӣ қарор дорад. Баробари ин, љиддияту фидокорӣ ва сарсупурдагӣ дар анҷоми ҳар кори илмӣ, талошу кӯшишҳои пойдор дар амри расидан ба мақсадҳои наҷиби хеш имкон фароҳам овард, ки дар роҳи расидан ба қуллаи мурод ва анҷоми рисолати хеш дар ин арса ёри тавфиқ шавад;
3. Зиндагинома ва корномаҳои бузургу бемисли илмии профессор Озармидухт гувоҳ бар он аст, ки бонувони муҳаққиқ дар соири кишварҳои олам дар арсаи илму таҳқиқ баробар бо мардон қадам мегузоранд ва ҳатто дар бисёре аз заминаҳо ҳампои онон ва шояд фаротар аз онон метавонанд дар майдони илм қадам гузошта, ба дастовардҳои назаррас ноил шаванд;
4. Таҳлилу баррасии тамоми љабҳаҳои фаъолияти профессор Озармидухт аз он паём мерасонад, ки як тан муҳаққиқи соҳибназар аз миёни бонувони форсигӯ ва форсидӯст муваффақ шудааст, ки ҳам дар арсаи таҳқиқ, ҳам тарљума ва тасҳеҳи мутуни адабиву таърихӣ ва фалсафӣ мақоми шоистае касб намуда, дар ховаршиносии муосир љойгоҳи хоссаи хешро дарёбад. Бегумон, корномаҳои бузурги илмиву пажӯҳишии ин бонуи дақиқназар ва олигуҳар намунаи ибрат барои дигар бонувоне ҳаст, ки ба таҳқиқу пажӯҳиш машғул ҳастанд ва

метавонанд равишҳои кори ўро дар заминаи адабиётшиносӣ ва тасҳеҳу тарљумаи мутуни адабӣ сармашқи корҳои илмии худ қарор диҳанд.

Мо аз ин бонуи суханшиносу маънипарвар ҳоло умедҳои зиёд дорем ва бовари комил дорем, ки дар идомаи роҳи хеш боз ҳам барои пойдории забон ва адабиёти форсӣ дар сарзамини Ҳинд, таҳқиқу муаррифии адабиёти беназир, таърихи куҳан, ирфону фалсафа ва шинохти мероси гаронмояи ниёкони хеш хидматҳои бештару пештаре ба сомон хоҳад расонид ва шогирдони парвардаи мактаби ў ин роҳи пурфайзу бобарори асосгузоштаашро бо сарбаландӣ идома хоҳанд бахшид. Дар амри расидан ба ин мақсадҳои наљиб ба профессор Озармидухти Сафавӣ барору комгориҳо таманно дорем ва дуо мекунем, ки Худованд барояш тандурустиву саломатӣ, саодати абадӣ ато намояд, то ин ки аз ҳузураш забону адабиёти форсӣ дар Ҳинд равнақи бештар аз имрўзу фардо касб намояд.

******

Zamira Gafforova, Doctor of Philology, Professor

Place of Professor Ozarmiduhti Safavi in Oriental Studies

Attendance at scientific conferences and study tours to countries around the world allows us to not only see, hear and learn important materials and exchange views with scientists and scholars of other countries, but also enjoy the blessings of their knowledge and virtues. It was a pleasure to meet one of the most influential and learned women, Professor Ozarmidukhti Safavi in 2008 was a success for me in the cultural land of India. But first I would like to add that the time I spent as a student in India for a year was due to the merits of this great and wise, powerful researcher, admirer of Persian literature, Professor Ozarmidukhti Safavi, who, along with other pioneers of the Persian language and literature. in India, eminent scholars such as Professors Nazir Ahmad, Nabi Hodi, Said Amir Hassan Obidi, Azhari Dehlavi and others (may the souls of these late masters rejoice forever!) in the preservation of the Persian language and culture in the Indian subcontinent. I had a dream to get acquainted with this wise lady. If someone told me in those days that one day I would be able to make friends with this goddess of science and knowledge, it would be like a fairy tale, because I could never have imagined at that time that by the grace of this great scientist's words. I will be happy and I will find happiness in cooperation ...

Every time I meet Professor Ozarmidukhti Safavi at international conferences, I listen to her scientific speeches and once again discover for myself the greatness of this intelligent and virtuous woman in the power of wisdom and thinking, the expansion of a wide range of readings, the lack of information about the precious treasures of language and literature is a different point of view of the Indian subcontinent, which makes it stand out from other researchers. The result of the continuous efforts of Professor Ozarmiduht Safavi in the field of science is that he is known not only in India but also beyond the borders of this country as one of the prominent figures of world oriental studies.

The pages of the life and scientific work of Professor Ozarmiduhti Safavi explain the reality of what a talented woman is capable of and what great services she has rendered to the development, research and study of Persian literature and culture in India.

A look at the biography of this learned woman shows that she 1952 in Shamsabad, Uttar Pradesh, India in a cultural family opened his eyes to the universe. His family is actually from the Safavid dynasty of Iran. His ancestors were all scholars. One of his ancestors was inherited from his father - Shah Rahmatullah Safavi. In 1737, during the reign of Muhammad Shah Quragani, he emigrated from Iran to India and gained a great status in Azimabad

(now Patna). The grandfather of this blessed lady - Navvob Dulha Shamsabodi was a prolific Persian writer and inherited many works in Persian. Professor Ozarmiduht's father, Muhammad Sadiq Safavi, was a distinguished scholar of the Lucknow dynasty who had a growing love for Persian language and literature, and his articles were regularly published in Iranian journals such as Yaghmo and Sukhan. The mother of Ozarmidukhti Safavi - Mumtoz Jahon was also one of the noble women of this family, who was always engaged in reading, researching and propagating the Persian language and literature.

Ozarmiduhti Safavi was brought up in such a worthy scientific environment. The lamp of love for the Persian language was lit by her father in her heart. From an early age, she began to read the rich heritage of classical Persian and Tajik literature, manuscripts of valuable works of her ancestors, and recited the poems of Hafiz, Saadi, Mavlono and other great speakers of our past literature. This growing interest of the family in science and literature and his turning from her childhood to the literature of the past laid the foundations of enlightenment of the classical heritage in the heart and soul of Ozarmidukhti Safavi and laid the foundation for her great scientific achievements in the future.

After graduating from the English-speaking girls' high school in Agra (1962), Safavid moved with her family to Aligarh and entered the Persian department of the Aligarh Islamic University, where she completed all her studies at the university and its affiliated colleges. During this period, she was educated in the scientific school of professors Nazir Ahmad, Mumtozalikhon, Samiuddin Ahmad, Nabi Hodi and other valuable Persian teachers and gained spiritual maturity.

As a result of her hard work, she was awarded many prizes and a gold medal during her studies. This nicot itself indicates that from the time of adolescence and youth, she has already shown herself the efforts and initiatives to achieve noble scientific goals, and gradually rose above the path of research.

Thus, s. 1964 completed the period of expertise in Persian language and literature, s. 1968 received her emergency in the same thread, and s. 1974 on the way to obtaining a doctorate in Persian language and literature. She traveled to Iran to pursue a doctorate and spent six months doing research at Tehran University. Based on his research, she studied the subject of "Saadi - a ghazal poet and a teacher of mankind" and completed a dissertation that meets the needs of doctoral research, which was recognized by Orientalists as a remarkable study.

She then continued her research at the Museum of Great Britain, studying its Persian manuscripts. At the same time, she continued her research work at the SOAS Institute in London in the field of textology and the development and translation and translation of literary and Persian works. During her time at the Museum and Institute, she edited and published Persian books such as Uns-ul-Tayyibin by Sheikh Ahmad Jom, with an English translation in London, which contributed to her direct contribution to the study and promotion of Persian literature. Western countries emphasize.

From s. 1974 Professor Ozarmidukht began her career as a teacher of Persian language and literature at Aligarh Islamic University. In addition to teaching Persian language and literature, she has held various positions and positions, including chairman of the Institute of Literature, chairman of the Persian language and literature group, chairman of the Cultural and Scientific Center, and director of the university's scientific and literary journal Fikru Nazar. showed.

Among the unique and honorable services rendered by Professor Ozarmidukht during this period is the establishment of the Center for Persian Studies at the Aligarh Islamic University, which, in fact, has made a significant contribution to the study of Persian literature.

The idea of establishing such a center was formed in the mind of this eminent scholar, who was engaged in teaching, classification and writing in the Persian department of the Islamic University of Aligarh, because during his many years of study, he understood the language and its teachings. Persian literature has influenced the thoughts, culture and history of India for centuries. It was thanks to the presence of the Persian language and literature in this land that a great and rich heritage was created in this region, which in general enriched the history of the civilization of the peoples of the East. But, unfortunately, during the last century, the Persian language has lost its former place in this region, and today's generations are not fully acquainted with this fact. These ideas prompted Ozarmidukht Safavid to establish a research institute at the Islamic University of Aligarh, which would study the Persian literary heritage and valuable heritage of this land. To this end, he recruited a group of young researchers in the field of Persian language and literature to conduct research at the center, and succeeded in keeping the light of Persian science and literature bright despite all the difficulties. 2006 Establish the Center for Persian Studies. Nearly fifteen years of activity of this prestigious scientific institution, along with the promotion of the Persian language, literature and culture, has resulted in research,

development and publication of a great literary heritage, many of which are adorned with literary texts and research books.

There are other active research centers in India, which are engaged in the development of the Persian language and the study of scientific and literary heritage written in this language, but a comprehensive analysis of the activities of these centers shows that in fact the role of the center established by Ozarmiduht Safavid. The truth is that through the establishment and activation of this center by Professor Ozarmidukht, the study of Persian language and literature in India was revived and expanded. During its existence, the Center has published more than thirty books on various topics, such as literature, history, mysticism, gnosis, medicine, business, linguistics, poetry and literature, etc., which reflect the important achievements of this outstanding scientist and his colleagues. . This article highlights the wide range of activities of the Scientific Center established by this talented lady.

In addition, through the unprecedented efforts and efforts of Professor Ozarmidukhti Safavi, the Research Center annually hosts prestigious international seminars, conferences and conferences, speeches, literary and cultural programs. Well-known scholars from Iran, Afghanistan, Bangladesh, the United States, Tajikistan, Uzbekistan, Japan, Sri Lanka and other countries are taking part in these forums. The presence of these scholars is expected to exchange views, information and opinions of researchers from different countries. creates favorable conditions in the context of closely related topics.

Professor Ozarmiduht Safavi, who was the founder and initiator of the establishment of the Center for Persian Studies at the Aligarh Islamic University, until 2017 served as its chairman and accomplished the most important work. Undoubtedly, she played an important role in shaping the authoritative activities of this institution, and now her students continue this great path.

In addition to these activities, Professor Ozarmidukht has been chairing the All-India Association of Persian Teachers for many years. In this position from s. she has been operating since 1998 and it should be noted that this great forum was established by Professor Nurulhasan Ansari and has done a great job for the development of Persian language and literature in India, the unity of scholars and researchers and teachers of Persian language and literature and coordination of their activities. For more than 20 years, the Association of Persian Language and Literature Teachers has been held annually throughout India in one of the country's various provinces, such as Punjab, Kashmir, Gujarat, Bengal, Maharashtra, Agra, Banoras and others. organizes its own meetings and conferences, and on this basis provides teachers of Persian language and literature from all over India and even beyond. The Forum will provide an opportunity for teachers of Persian language and literature across India and

beyond to get acquainted with the results of each other's research and exchange views on the promotion of the Persian language and its teaching methods. It is safe to say that this Forum is playing a significant role in the development of the Persian language and literature in India. Undoubtedly, the role and status of Professor Ozarmidukhti Safavi in this area is noteworthy and praiseworthy, because along with the development of his activities and the worthy efforts of this eminent scientist, this conference was repeatedly attended by scholars and orientalists from other countries. its presentation on the world stage has made it possible.

As a brilliant researcher and scholar, Professor Ozarmiduht's personal contribution to the study and promotion of Persian literature in India and the presentation of the bright faces of our past literature in this land is great. Undoubtedly, it should be noted that Professor Ozarmidukhti Safavi has devoted his entire life to the study of valuable works of Persian literature and the promotion of the Persian language in this area. Her scientific works illustrate the point that she conducted her research with a great love and passion, a passionate passion for the re-creation of works of art and the introduction of unique works of the Persian language, to the culture and civilization of ancient India. Every word, sentence and every line written by Professor Safavi smells of love for the Motherland, Persian language and literature. It was this great love that has always been the guiding light that has enabled him to create unique achievements in this field.

Based on the study of the works and the work done, the research of Professor Ozarmidukhti Safavi can be divided into several groups:

1) An ancient Persian literary text, which was corrected by their efforts and published with a rich introduction and commentary. In particular, as a result of their efforts and great achievements in the field of research and correction of the text of the Persian manuscript, such valuable works as "Chihil Nomus" (2009), "Silk-us-suluk" by Ziyouddin Nakhshabi (2009), "Bahri Zakhhor" ”(Three volumes),“ Arafat-ul-Oshiqin ”(two volumes, 2013),“ Mugh-ul-Maoni ”by Sheikh Amir Hassan Alai Sijzi (2006),“ History of Muhammadi ”,“ Akhbor-ul-Ajmal ” (ed. 1740, on the basis of Islamic mysticism and mystical teachings) were corrected, developed and published, which are indeed important and valuable achievements in the textual study of Persian literature in the territory of India. Also, s. In 2009, the book "Nazmi guzida" was published by this talented researcher, which covers selected poems of Persian speakers.

5. The second part of Professor Safavid's personal works is a translation of the Persian text into English, the list of which can be summarized as follows: "Ejozi Khusrawi" (English translation, vol. 1), "Ahmadi History" (English translation, London), “Street of Love”

(translation of short Persian stories), “The King’s Letter”, “Uns-ul-Tayyibin” by Sheikh Muhammad Jam.

6. Professor Ozarmidukhti Safavi has shown herself as a brilliant researcher by writing numerous treatises and articles and is recognized by domestic and foreign scholars. One such work is his doctoral dissertation, Saadi, a Humane Man, which has been widely praised by critics in India and beyond. Another treatise entitled "Safavids in Shamsabad, India", dedicated to the role of these families in the development of Persian culture and civilization in India, points out that in the field of history, this authoritative scholar also has a valuable work.

7. On the basis of numerous scientific conferences, Professor Safavi was able to develop and publish a large number of scientific collections, each of which has important scientific value. On this basis, he compiled collections of articles, such as "Humanism and the world in Persian poetry" (two volumes, 2007), "The role of ghazals in Persian literature" (2008, two volumes), "Persian fiction" (two Volume, 2011), “Tazkiranavisi in Persian Literature” (two volumes, 2012), “The Role of Masnavi in Persian Literature” (two volumes, 2013), “Irfan and Sufism in Persian Literature” (two volumes, 2013), “Spirituality Mawlana in the Modern Century ”(2013),“ Heritage of Indo-Iranian Letters ”(two volumes, 2013),“ Color Patterns ”,“ Indian Hadith in Persian Literature ”,“ Influence of Persian Culture and Language and Literature in India ”,“ Hindu Relations Iran ”,“ The Role of Persian Language and Literature in the Common Indian Culture ”,“ Literary Studies ”,“ On the Persian Poetry of Asadullah Khan the Conqueror ”, which contains valuable scientific articles.

The wide range of research, development, correction and translation of the works of the past has led to the fact that Ozarmukht Safavid in India and abroad has gained the popularity and trust of researchers in the field of oriental studies as a brilliant scientist. a well-known, accurate textualist. The correction, translation and publication of valuable Persian books and the revival of this valuable literary heritage and the writing of hundreds of articles are not only expressions of their meritorious service to the Persian language and literature, but also as a reliable source of reference for scholars.

By participating in international conferences and research speeches, he has proved the status that in the field of Persian language and literature always has a new word to say and presents works that modern oriental studies also need to know and recognize. On the other hand, the scientific work of Professor Ozarmudukht Safavi shows that this outstanding and hard-working scholar has done a great service for the preservation of the Persian

language in India. It is through his consistent efforts that not only the centers and schools for the promotion of the Persian language and literature have been improved and modernized, but also the great heritage written in this language in this land has been corrected, developed and passed on to readers. We only knew their names.

It was the constant and tireless efforts of this woman of science and wisdom to keep the light of Persian language and literature burning in India, where she was awarded various medals and prizes by scientific research centers and high-ranking officials. In particular, s. In 2005, the President of the Republic of India awarded Professor Ozarmiduht Safavi with the State Prize for Meritorious Service in the Promotion of the Persian Language and Literature. The Islamic Republic of Iran awarded him the International Prize (2008), the House of Culture of Iran in New Delhi with the Saadi Prize (2010), the Victory Institute in Dushanbe. New Delhi with the Asadullah Khan Award (2013), “Bazmi Maikash” in Dushanbe. Agra (Maikashi Akbarabadi is one of the most famous modern orators of India) was awarded the Maikash Literary Prize (2014), which, no doubt, is based on the recognition of his scientific achievements and the high appreciation of his scientific centers and contemporaries for his tireless efforts.

Ozarmidukhti Safavi is not only a leading researcher, but also a unique mentor and mentor to students in the field of research and preservation of cultural heritage. He cares for students and has created all conditions for them to conduct research, both at the university and the Research Center, in order to increase the number of researchers of Persian language and literature in India.

It is obvious that, first of all, his efforts are aimed at educating the younger generation to the ancient past of their culture, to continue scientific and research work on the basis of the ancient heritage of their people, the common historical ties of the Indian people and the Aryan peoples. to preserve the bond of generations, and to keep the light of the Persian language and literature in India always bright and shining.

It should be noted that the long-term efforts of Ozarmukht Safavid today have borne the desired result. His scientific school today remains a thriving tree that has taken root throughout India and even beyond, spreading the branches of this great tree throughout the country. As a teacher and researcher of the Persian language and literature, he has always instilled in the students a love for this language and the interest in its in-depth study, research, promotion of the heritage written in this language. Dozens of masters or doctors trained by him today, as leading and well-known researchers in the field of Persian literature, have already

completed useful research and meritorious deeds, and the results of their work have been widely recognized.

It was her immense contribution to the education of talented teachers and successful students that in 2010 and 2012, Professor Ozarmidukhti Safavi was awarded the Special Prize "Excellent Master" of the Islamic University of Aligarh, and in this way as a unique personality science was recognized.

The unique scientific and human qualities of Professor Ozarmidukhti Safavi are based on the fact that in his image we know a man of good morals, humble, kind, eloquent, kind, and benevolent, which is not the essence of every human being. It is his kindness, benevolence, humanity and humanism that quickly attracts others and creates a desire to be in their scientific school. Undoubtedly, these human qualities of Professor Safavi have led many people to choose his path in the field of teaching and research of the Persian language and literature, and proudly consider herself a student of his great school of research and humanity. Along with her vast knowledge and deep scientific vision, his kindness and good manners directly led her to make many friends from among the orientalists of different countries and to establish good scientific cooperation.

In general, there is little to write about the scientific and human qualities of Professor Ozarmidukht Safavi, and what we have said and done is a drop of the boundless sea of his achievements and specialties. Because with devotion and sincerity she has devoted her entire life to the study and research of the heritage of the ancestors, the history of the ancestral homeland, the development, correction and publication of the great works of the Persian language and literature. Based on the completed studies, the analysis of the great scientific services of this orator and speaker can be considered as a place in the study of Persian literature in India, strengthening scientific ties, reviewing, correcting and researching literary texts and translating the heritage of her ancestors and Persian literature, we can draw such a conclusion:

5) Professor Safavi in the field of Persian culture and literature research in India is a source of pride for the women's community of India, who discovered and introduced many secrets of the Persian language and literature in this country. By writing and covering dozens of valuable books, editing and publishing ancient literary texts, she has managed to keep the light of the Persian language burning brighter in India and to make a worthy contribution to the enlightenment of the Persian language and literature in this region;

6) The secrets of the scientific achievements of this great lady, Professor Ozarmidukhti Safavid can be summed up in several

points, the first paragraph of which is his endless love and affection for the Persian language. At the same time, the seriousness, dedication and dedication to the completion of any scientific work, sustained efforts to achieve their noble goals have allowed us to help them reach the peak of their goals and missions in this area;

7) The biography and great and unparalleled scientific achievements of Professor Ozarmidukht testify to the fact that women researchers in other countries of the world are on a par with men in the field of science and research, and in many respects can compete with them and perhaps even beyond them. , achieve significant results;

8) Analysis of all aspects of the activities of Professor Ozarmidukht suggests that one of the most influential Persian-speaking and pro-Persian women scholars, who has gained a worthy place in the field of research, translation and interpretation of literary, historical and philosophical texts. modern finds its unique place. Undoubtedly, the great scientific and research achievements of this meticulous woman are an example for other women who are engaged in research and can use the methods of her work on the basis of literary criticism and the translation of literary texts as the basis of their scientific work.

We have high hopes for this eloquent and meaningful lady and we are confident that in the continuation of her path she will do more for the stability of the Persian language and literature in India, the study and presentation of unique literature, ancient history, gnosis and philosophy and recognition of the rich heritage of our ancestors. The students of his school will proudly continue this noble and successful path of his founder. We wish Professor Ozarmudukht Safavi every success in achieving these noble goals and pray that God will grant her good health and eternal happiness, so that the Persian language and literature in India will be more prosperous than it is today and tomorrow.

*****